№240-ф аз 07.06.2019

«Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Фармоиши Кумитаи андоз аз 15.01.2019, №13»

Бо мақсади иҷрои банди 8 Протоколи ҷалсаи васеи корӣ аз 10.05.2019, №53/1.1 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаҳои молия андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ аз 10 майи соли 2019 бармеоянд, ки бо Фармоиши Кумитаи андоз аз 16.05.2019, №200 тасдиқ карда шудааст, мутобиқи талаботи моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дар асоси натиҷаи таҳлил ва системаи баҳодиҳӣ аз рӯи омили хавфҳо ба Замимаи №1 (Нақшаи ягонаи санҷишҳои маҷмӯии андозсупорандагон барои нимсолаи якуми соли 2019) тағйирот ворид карда шуда, тибқи рӯйхати пешиҳодшаванда номгӯи андозсупорандагон барои гузаронидани санҷиш ба Нақшаи нимсолаи якум дохил карда шавад.

2. Ба Фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.01.2019, №13 «Оиди тасдиқ намудани Нақшаи ягонаи санҷишҳои маҷмӯии андозсупорандагон барои нимсолаи якуми соли 2019» тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- бандҳои 6 ва 7 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«6) Санҷишҳои ҳуҷҷатии маҷмӯии андоз оид ба қатъи фаъолияти андозсупорандагон, аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз тибқи тартиби зерин анҷом дода мешавад:

а) санҷишҳои ҳуҷҷатии маҷмӯии андоз оид ба қатъи фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, филиал намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, азнавташкилдиҳӣ ва ҳамроҳшавии андозсупорандагон танҳо бо иҷозат ва мувофиқаи хаттӣ бо Кумитаи андоз анҷом дода мешавад;

б) санҷишҳои ҳуҷҷатии маҷмӯии андоз оид ба қатъи фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ (ба истисноии хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ), ки даромади умумии онҳо дар 12 моҳи пай дар пайи тақвимӣ на зиёда аз 500,0

ҳазор сомониро ташкил менамояд аз тарафи нозиротҳои андоз тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гузаронида мешавад;

в) санҷишҳои ҳуҷҷатии маҷмӯии андоз оид ба қатъи фаъолияти соҳибкорони инфиродии (ба истисноi хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ) дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, ки даромади умумии онҳо дар 12 моҳи пай дар пайи тақвимӣ зиёда аз 500,0 ҳазор сомониро ташкил менамояд дар мувофиқа бо Раёсатҳои андози вилоятҳои ва шаҳри Душанбе анҷом дода мешавад;

г) санҷишҳои ҳуҷҷатии маҷмӯии андоз оид ба катъи фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ (ғайр аз хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ) дар қайди нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қарор дошта, аз тарафи мақомоти ҳудудӣ (бе мувофиқа) тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гузаронида мешавад;

е) санҷишҳои ҳуҷҷатии маҷмӯии андоз оид ба катъи фаъолияти хоҷагии деҳқонии инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, тибқи талаботи қисми 9 моддаи 29 Кодекси андоз бе гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатӣ танҳо бо пешниҳоди санади муқоисавӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои андоз ва маълумотнома оид ба надоштани қарзи андозҳо қатъ карда мешавад.

Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҳар моҳ то санаи 5-уми моҳи минбаъда тибқи шакли тасдиқшуда ба Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андоз ҳисобот оид ба санҷишҳои қатъи фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ (замима мешавад) пешниҳод менамоянд.

7. Санҷишҳои ҳуҷҷатии маҷмӯии андози субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, тибқи талаботи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ”, танҳо дар мувофиқа бо Кумитаи андоз гузаронида мешавад, аз ҷумла:

– дар асоси аризаи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ҳангоми қатъ кардани фаъолияти онҳо;

– тибқи талаботи қисми 6 моддаи 28 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.»

- банди 14 дар таҳрири зерин илова карда шуда, банди 14 мутаносибан банди 15 ҳисобида шавад:

«14. Раёсати санҷиши андозҳо вазифадор карда мешавад, ки вобаста ба иҷро ва риояи талаботҳои Фармоиши мазкур ҳар нимсола дар фаъолияти мақомоти ҳудудӣ корҳои санҷиш гузаронида, аз натиҷаи он ба роҳбарияти Кумитаи андоз маълумот пешниҳод намояд.»

3. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ Фармоиши мазкурро ба Раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз ирсол намояд.

4. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи Раёсати санҷиши андозҳо вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода